Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и
Институти иқтисодиёт ва демографияи
назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи "Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.06 Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04- Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст**

**1. Аҳамият ва зарурати тадқиқот** бо он асоснок карда мешавад, ки дар шароити кунунӣ тамоюли умумии коҳишёбии нисбии маблағгузории давлатии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ, таъмини рақобатпазирии иқтисодиётии миллӣ, ҷорӣ намудани навгониҳои илмӣ дар раванди истеҳсолот ва татбиқи ҳадафҳои дарозмуддати стратегии кишвар ба ҳисоб меравад. Агарчӣ солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ташаккул ва инкишофи Стратегияи миллии рушди дарозмуҳлати низоми маорифи ҷумҳури чораҳои зиёд андешидааст, вале то ҳол ба сатҳу сифати зарурии бозтавлиди он ноил нагардидааст. Аз ҷумла, чуноне ки муаллиф тадқиқоти илмӣ қайд менамояд, ҳалли ин масъала такмил додани системаи тайёр кардани мутахассисонро дар асоси зиёд кардани маблаггузорӣ барои ташаккул ва инкишофи таҳлили фаъолияти як қатор донишгоҳҳои мамлакат оид ба ташкил кардани имиҷ бо назардошти такмили системаи маориф талаб мекунад, ки ин ба баланд шудани сифати захираҳои мехнатӣ мусоидат мекунад. Дар ин марҳалаи ислоҳоти иқтисодӣ масоили таҷдиди низоми маориф ва мутобиқсозии он ба талаботи иқтисоди муосир барои ташаккули фаъолияти маркетингро босифат, ки қодир ба таъмини рушди равандҳои инноватсионӣ мебошад, махсусан муҳим дониста мешавад.

Яке аз самтҳои муҳими ташаккул ва инкишофи фаъолияти як қатор донишгоҳҳои мамлакат оид ба ташкил кардани имиҷ дар шароити кунунӣ таъмини тавонмандиҳои инноватсионии он дониста мешавад. Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти навоварона ташаккули тавонмандиҳои методҳои бизнес пешравиҳо, яъне воситаҳои дидашаванда бо таваҷҷуҳ ба инкишофи муҳити институтсионалии бозтавлиди он аз вазифаҳои муҳим дар самти тадқиқотҳои назаривӣ ва методологии илмӣ дониста мешавад. Дар кори диссертатсионии Н.Ҳ. Ҳасанзода маҳз роҳу услуҳои такмили механизми рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ чун ҳадафи асосии тадқиқот муайян шудааст, ки аҳамият ва зарурати онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**2. Дарачаи асосноки ва эътимоднокии мукаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кор диссертатсионӣ баёнгардида.**

Мукаррарот ва хулосаҳои асосии дар кор диссертатсионӣ мураттабгардида, инчунин тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба пойгоҳи васеи таҷрибавӣ такия мекунад ва ба истифодаи маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқот анҷом шудааст. Диссертатсия дорои сохтори мантиқӣ мебошад: пас аз гузоштани ҳадафҳо ва вазифаҳои тадкикот, таҳлили назариявӣ ва эмпирикии имкониятҳои ҳалли онҳо гузаронида шуда, дар асоси он тавсияҳои мушаххас таҳия карда шудаанд.

Ҷанбаҳои назариявии таҳияшудаи ҳалли масъалаҳои гузошташуда нуктаи назари асоснокшудаи муаллифро дар бораи принсипҳои такмили механизми рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ, исботи зарурат ба ҳамоҳангсозии низоми маориф ва бозори меҳнат ҳамчун асоси самаранокии танзими равандҳои бозтавлиди сармояи инсониро дар бар мегирад. Истифодаи усулҳои гуногуни таҳлилӣ ба муҳаккиқ имкон дод, ки як қатор мушкилотро муайян кунад ва самтҳои оқилонаи ҳаллу фасли онҳоро пешниҳод намояд. Дар натиҷа ҷиҳати такмили механизми рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ тавсияҳо таҳия гардида, воситаҳои танзими институтсионалии раванди мазкур пешниҳод карда шуданд. Ҳамаи ин аз сатҳи баланди эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои амалии татдкиқоти илмии мазкур дарак медиҳад.

**3. Навоварии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада.**

Сатҳи зарурии эътимоднокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда тавассути истифодаи дурусти усулҳои иқтисодӣ ва риёзӣ ва дастгоҳи назариявӣ ва методӣ дар асоси принсипҳои муносибати системавӣ ба даст оварда шудааст. Ин эътимоднокии зарурии хулосаҳои назариявии ба дастомада ва тавсияҳои амалии дар асоси натиҷаҳои тадқиқот таҳияшударо таъмин намудааст. Дар вакти гузарондани тадқиқот аз манобеи васеи маълумотҳои таҷрибавӣ истифода шудааст, маҷмуи зарурии усулҳои тадқиқоти иктисодӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки бо равиши системавии омузиши мушкилоти мавҷуд дар самти тадқиқоти илмӣ муттаҳид карда шудаанд. Дар марҳалаҳои гуногуни кор усулҳои илмии тадқиқот ба монанди усули системавӣ, риёзиву иқтисодӣ, графикӣ, моделсозӣ, идуксия, дедуксия, қиёс, синтез усули ҷамъбандии оморӣ ва ғайра ба таври самаранок истифода шуданд.

Навоварии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, ки саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи мавзӯи интихобшуда мустақиман инъикос мекунад, дар мукаррароти зерин ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст:

**1.**Дар мафҳуми имиҷи ташкилот тавзеҳот дода шудааст: имиҷ ин симои (образ) муассисаҳо, ташкилотҳо, инчунин, ҷузъҳои алоҳидаи сохтори он мебошад, ки хусусиятҳои муайян дошта ба хосиятҳои воқеии

ташкилоти мушаххас асос меёбад, ки маҳсулоти он барои истеъмолкунандагон ва ё дарккунандагон арзиши нафънокии ҷамъиятиро доро мебошад. Моҳияти иқтисодии имиҷро муаллиф ҳамчун дороии ғайримоддӣ, ки тасвири динамикӣ дошта, ба ташкилот арзишҳои иловагӣ меорад, арзёбӣ намудааст.

**2.** Ҷанбаҳои субъективию объективии ташаккули имиҷ, нақш ва аҳаммияти асосии он барои муайян кардани робитаҳои сабабу оқибат ва конунмандиҳои ташаккул, инкишоф ва трансформатсияи симои мусбатро, ки чун дороии гайриимоддии зояндаи даромад мебошад тавзеҳ дода, зарурати таҳияи механизмҳои ташкилу идоракунии онро асоснок намудааст.

3. Хусусияти имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун субъекти бозори хидматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятдошта муаяйн гардидааст, ки пеш аз ҳама, аз хусусиятҳои маҳсулоте, ки вай ҳамчун моли квазибозорӣ истеҳсол мекунаду таъсири мусбати берунӣ ва хусусияти мақсаднок барои гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа дорад, бармеояд. Зарурат ва аҳаммияти ташаккул ва рушди имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун дороии ғайримоддӣ, ки дар шароити афзояндаи рақобат дар бозори хидматрасониҳои таълимӣ имкониятҳои дастрасиро ба беҳтарин захираҳо (молиявӣ, иттилоотӣ) фароҳам меорад, одам ва ғайра) доро мебошад, асоснок карда шудааст.

4. Таъсири синергетикии имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ исбот шудааст. Азбаски он унсури асосии системаи такрористеҳсоли интеллектуалии иҷтимоӣ, сармояи инсонӣ, паҳнкунандаи донишҳои нав мебошад, ҳамчун ниҳоди муҳимми ҷамъият, давлат, иқтисодиёти кишвар, соҳа ва минтақаҳои мушаххас амал мекунад. Асоснок карда шудааст, ки арзиши онҳо ҳамчун институти муҳими иҷтимоӣ дар ҳолатҳое меафзояд, ки онҳо ба ин сифатҳо сазовор бошанд.

5. Нақши стратегияҳои маркетинг дар ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шудааст. Нақш ва аҳамияти «пиар» (PR-технологияҳо), таблиғ дар ташаккул ва идоракунии самараноки симои донишгоҳ, инчунин, дар ташаккули модели муносибатҳои байни донишгоҳ, давлат ва тиҷорат асоснок карда шудааст. Омилҳое, ки ба имиҷ таъсир мерасонанд, навъҳои имиҷ нисбат ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавсиф карда шудаанд.

6. Заминаҳои консептуалии баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун дорои гайримоддӣ ва чанд тавсияҳои амалӣ дар заминаи ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқоти иҷтимоии гузаронидашудаи муаллиф (коркарду таҳлили андешаҳои намояндагони гурӯҳҳои иҷтимоии мақсадноки гуногун) асоснок шудаанд, ки ба такмили механизмҳои ташаккулу рушди имиҷ мусоидат менамояд. Механизми ташкили такмили имиҷ таҳия шудааст, ки ба он субъектҳо, объектҳо ва таъминоти захираҳои дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули имиҷ истифодашаванда, инчунин меъёр ва методологияи баҳодиҳии симои мусбати донишгоҳ дохил мешаванд.

Натиҷаҳои бадастомада ва татбиқи маводи истифодашуда бо мувофиқати онҳо ба мӯҳтавои асарҳои аслии илмии чопшуда, санҷиш ва тасдиқи натиҷаҳои ин таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ собит карда мешавад.

Ба натиҷаҳои таҳлили таҷрибавӣ ва ҳисобҳои иқтисодӣ ва оморие, ки дар асоси маҷмӯи маълумоти оморӣ оид ба объекти таҳқиқот дар давраи солҳои 2018-2023 гузаронида шудаанд, шак нест.

Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуни асосии диссертатсияро пурра инъикос мекунанд.

**4. Саҳми шахсии муаллиф дар натиҷаҳои бадастомада.**

Кори илмии тақризшаванда саҳми шахсии довталабро дар бар мегирад, ки бо навовариҳои илмӣ ва дараҷаи инъикоси ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошта шуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф мустақилона тавсияҳои методиро доир ба такмили механизми ташшаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун омили ғайримоддии рушди онҳо, алгоритм ва марҳалаҳои асосии ташкили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, принсипҳи гузаронидани мониторинг ва таҳлили мунтазами иттилооти ҷамъкардашуда пешниҳод намудааст.

**5. Сохтор ва мазмуни диссертатсия.**

Сохтори диссертатсия мантиқан масоили назариявӣ, методӣ ва амалии ташаккулёбӣ ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсиониро инъикос менамояд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 182 саҳифаи матни компютерӣ, 32 ҷадвал ва 10 расмро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ ба забони фасеҳи илмӣ мубрамии мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзӯъҳои илмӣ шарҳ дода шудааст. Инчунин, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ботафсил баён шудааст.

**6. Аҳамияти илмиву амалии диссертатсия**

Дар кори диссертатсионии Н.Ҳ. Ҳасанзода як қатор муқарарот, хулосаҳо ва тавсияҳо оварда шудаанд, ки бо навгонии илмӣ хос буда, аҳамияти амалӣ низ доранд. Аҳамияти назариявии натичаҳои тадқиқотро инкишофи назарияи истифодаи амалии методу механизми баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ муайян менамояд. Аҳамияти амалии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки натичаҳои ба дастомадаро таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки чунин методҳои бизнес-пешравиҳо, яъне воситаҳои дидашаванда (маводи рекламавӣ) дар давраи

мушаххас, маҳз моҳҳои май-август натиҷабахш мебошанд. Барои он, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба рушди устувори дарозмуҳлати худ мушарраф гарданд, зарур аст, ки онҳо соҳиби комёбии диданашаванда (ламснашаванда) гарданд. Ин бурдҳо ва комёбиҳои диданашаванда (ламснашаванда) яке аз афзалиятҳои устувори рақобатӣ мебошанд, ки имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, фарҳанги иттиҳодиявӣ ва сохтори ташкилии идоракуниро дар бар мегиранд. Дар айни замон муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо истифода аз воситаҳои муайяни «робита бо мардум» (Public Relations) ташаккули самаранок ва идоракунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда истодааст. Ин фаъолият ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои муқаррар ва дастгирӣ кардани робита, ҳамдигарфаҳмӣ, ҷойгиршавӣ ва ҳамкории байниҳамдигарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва гурӯҳҳои истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ, стейкхолерон ва умуман ҷомеа мусоидат хоҳад кард. Дар ин ҷо, фаъолияти PR дар низоми муносибатҳои маркетингӣ нақши таҳқиқ кардан, баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро иҷро менамояд.

Ба ибораи дигар, ба ҳайси як намуд гурӯҳи пешсафе баромад мекунад, ки барои омода намудани тимсол, бурди диданашавандае равона шудааст ва баъдан бо ин роҳ фаъолияти макетингиро бомуваффақият ба роҳ мемонад

**7. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи "Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси кормандони илмии (илмҳои иқтисодӣ) КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04- Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мутобиқ мебошад.

**8.Тадқиқоти илмии Н.Ҳ.Ҳасаизодаро ба таври мусбӣ баҳо дода истода, камбудию норасоиҳои зерииро қайд кардан лозим аст.**

1. Мутаассифона, чӣ дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ ва чӣ дар қисмати амалии он, мушкилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон аз назари муаллиф канор мондаанд. Ҳоло он, ки ин зинаҳои таҳсилот ба сифати зинаҳои появии инкишофи сармояи инсонӣ шинохта шудаанд.

2.Дар кори диссертатсионӣ таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар самти такмили муҳити ниҳодии зинаҳои таҳсилот ба таври кофӣ шарҳу тафсил дода нашудааст.

3. Дар кори диссертатсионӣ камбудию хатогиҳо ва иштибоҳоти оморӣ мавҷуданд.

Ин мулоҳизаҳо ба ҳеҷ ваҷҳ баҳои умумии мусбӣ ва аҳамияти назариявию амалии тадқиқоти илмии Н.Ҳ. Ҳасанзодаро зери шубҳа

намегузоранд. Онҳо хусусияти сирф машваратӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф дар доираи навиштани мақолаҳо, монографияҳо ё кори докторӣ дар ин мавзӯъро доранд.

**Хулосаи тақризи муқарризи расмӣ**

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки тадқиқоти илмии Н.Ҳ. Ҳасанзода дар мавзӯи ""Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтсиодӣ аз руи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04- Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), пешниход гардидааст, дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ гузаронида шудааст. Дар тадқиқоти илмӣ роҳи ҳалли масъалаи муҳими илмӣ, ки ҷомеаи моро ба ташвиш овардааст, пешниҳод гардидааст. Таҳқиқот унсурҳои навовариҳои илмиро дар бар мегирад, ки барои соҳаи дахлдори илм, яъне иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият аҳамияти калон доранд ва ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Бо дилпури метавон гуфт, ки Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04- Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсент
Декани факултети иқтисод ва
идораи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон Ҷ.Ғ. Ғафорзода

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, 734003, кӯчаи Рӯдакӣ 121;
931018686, karaeva.j@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент Ҷ.Ғ. Ғафорзода тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ Мустафозода А